*Эмомалӣ РАҲМОНОВ.*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ ТОҶИКОН

# ТАДЖИКИ ВЧЕРА И СЕГОДНЯ

ДУШАНБЕ-1997


BOMBAY CHA
OBEROI HOT

Чанде пеш мамлакати мо панҷсолагии Истиқлоли давлатии худро таҷлил намуд. Ин панҷ сол дар таърихи мардуми мо, ки бояд асосҳои нави давлатдорӣ, якпорчагӣ ва ҳаммонандии худро пайдо мекард, солҳои душвортарин буданд. Ҳодисаҳое, ки мо аз сар мегузаронем, ба андозае асосҳои ҳаёти мардуми шашмиллионаро такон доданд, ки баъзеҳо ба ҳуқуқи таърихии тоҷикон барои мавҷудияти мустақилона, ҳамчун як халқи дар натиҷаи таҷрибаи болшевикӣ ба вуҷудомада, шубҳа карданд.

Ин гуна шубҳаҳо нав нестанд. Гузашта аз ин, ташаккули халқи тоҷик тӯли таърихи бисёрҳазорсола дар мубориза алайҳи қувваҳои мухталиф мегузашт, ки онҳо мавҷудияти тоҷиконро зери шубҳа мегузоштанд.

Вале муҳимтар аз ҳама он аст, ки хиради халқро нобуд кардан имкон надошт. Ҳамчун мурғи самандари афсонавӣ ӯ аз нав эҳё мегашту захираи эҷодии онро пур аз қувваи фавқулодда мекард ва дар шароитҳои душвори ногуфтанӣ зуҳур меёфт. Дар ҳазорсолаи охир надоштани истиқлолияти сиёсиву давлатӣ натавонист мардумро аз шоҳроҳи таърихи Осиёи Марказӣ барканор созад. Ситораи он дар ғаласитораи халқҳои дигар бо номҳои Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ, Ҳофиз, Саъдӣ ва бисёр дигарон, ки бидуни онҳо таърихи тамаддуни инсониятро тасаввур карда намешавад, ҳамеша дурахшон буд.

Мисриёни қадим дар таърих, пеш аз ҳама бо бунёди ёдгориҳои бузург ба монанди аҳромҳо ва меъморӣ боқӣ монданд, онҳо барои инсоният таърихномаҳои папирусиро ҳифз намуданд, арабҳо маънавиёти тамоман навро ба вуҷуд оварданд, яҳудиёни қадим ба инсоният ҳикмати Тавротро боқӣ гузоштанд, насрониён ба асрҳои миёна тафаккур, принсип, маънавиёт ва рӯҳияи нав бахшиданд, ки онҳо ба таври ногаҳонӣ ба асосҳои инкишофи босуръати илм ва техникаи имрӯза ва як пайдоиши тамоман нав ҳамроҳ шуданд, ки онро мо барҳақ метавонем тамаддуни демократия номем.

Вобаста ба тоҷикон бояд гуфт, ки назми онҳо бо ҳикмату маънавиёти баланди худ дар қуллаи олии нубуғи инсоният ҷой гирифтааст.

Сарфи назар аз пастиву баландӣ ва хаму печҳои таърихи мардуми сайёра, мо ба гузашта назар андохта, боитминон метавонем бигӯем, ки яке аз шохобҳои пуроби дарёи ягонаву гуно-

гунранги фарҳанги инсоният таърихи тоҷикон аст, ба кадом андозае, ки он фоҷиабор набошад.

Чанд сухан оид ба таърихи тоҷикон. Онҳо аз халқҳои қадимтарини ҷаҳон буда,қарнҳо инҷониб дар Осиёи Марказӣ зиндагӣ мекунанд ва ворисони ориёиёни қадим мебошанд. Решаҳои муштарак бо мардуми эронинажод ҳамчун як ҳодисаи таърихи қадим намонд, балки дар тӯли таърихи сиёсии мураккаб ва печида муносибатҳои онҳо эҳсос мегашт. Дар асл онҳо шохаҳои парешони як дарахтанд. Баъд аз ин таърихи тоҷикон давраи ташаккули онҳо ҳамчун як халқи мустақил мебошад. Мо хуб медонем, ки ҳар як ташаккул мубориза аст: дар ин муддат на танҳо бори гузаштаро халқ паси сар мекунад, балки он қисмате ки садди роҳи инкишоф аст, бартараф мегардад. Ҳамчунин халқ фишор ва муқовимати муҳити атрофро, ки пеши роҳи инкишофро боз медоранд ва ё ҳатто ба нобудшавии он равона шудаанд, убур менамояд.

Ин ҳолат дар таърихи тоҷикон дар шакли ниҳоят бераҳмона зоҳир гашт. Маҷрои инкишофи халқ гоҳо аз хуни фарзандонаш, ки ҷони худро барои фарҳанг ва озодӣ қурбон менамуданд, пур мешуд. Вале ин халқе буд, ки ба зарбаҳои бераҳмонаи ҷисмонӣ, ки ба ӯ мерасонданд, бо фарҳанг ва забони волои худ ҷавоб медод. Фарҳанги халқи азиятдида ғолибонро сархам месохт.

Мо ҳазор сол давлати миллии худро надоштем, вале дар тӯли ин муддат империя ва давлатҳои абарқудрати Осиёи Марказӣ забони тоҷикӣ-форсиро ба ҳайси забони давлатии худ интихоб намуданд. Таърихи фарҳангӣ ва сиёсии тоҷикон чунон аст, ки онҳо барои худ душмани умумимиллие насохтанд: одоби қадимаи зӯринопазирӣ симои миллии онҳо гардид.

Мо ҳеҷ гоҳ муқовимати пуршиддати аҷдодони худро муқобили лашкаркашии Искандари Мақдунӣ фаромӯш нахохем кард, вале қарнҳо гузаштанд ва номи ин шахс ба адабиёти халқ ҳамчун як ривояти нотакроре ворид гашт. Баъдтар ҳуҷуми арабҳо сурат гирифт, вале таърих чунон гардише кард, ки бо мурури замон бисёр тоҷикон бо ифтихор худро ба авлодони машҳури араб нисбат медоданд. Ҷанг бо туркҳо онҳоро дар чашми мо душман насохт. Тоҷикон махсусан бо ӯзбекон, қирғизҳо ва дигарон муносибатҳои хуниву хешу таборӣ пайдо карданд. Анъанаву маросимҳо низ ниҳоят наздик шуданд. Имрӯз агар яке аз онҳо дар симои дигаре душман бинад, ин ҷиноятест, ки авлодонамон ҳеҷ гоҳ ба мо намебахшанд.

Баҳсҳо низ дар бораи ҳодисаи яксаду панҷоҳ сол пештар рухдода, дар бораи он ки оё Осиёи Миёна аз ҷониби Русия тасарруф шуд ва ё ин ҳамроҳшавии ихтиёрӣ буд дар гузашта монданд. Вале чунин нуктаро бояд тазаккур диҳем.

Дар паҳнои беканори Евроосиё империяҳо ба вуҷуд омадаву аз байн мерафтанд, ҷангҳо ва дигар таконҳои фоҷиавӣ сурат мегирифтанд. Вале ҳикмат, ин маънои бузургтарини таърих, ки ба мо умеду дилпурӣ мебахшад, дар он аст, ки сарфи назар аз зӯровариву нохушиҳо халқҳои Евроосиё ҳарчи бештар укдаҳои бародариро эҳсос менамуданд. Ақли солим ғояҳои зӯринопазирӣ, якдигарписандӣ, кӯмаки ҳамдигарӣ – ҳамин аст он боигарии бебаҳо, ки бо барҳамхӯрдани системаҳои ҷамъиятӣ ва сохторҳои сиёсӣ аз байн намерафт. Ин нукта яке аз сабабҳои робитаҳои гусастнопазири калонҳаҷми халқи Тоҷикистон бо халқи Русия мебошад.

Вале ин маънои онро надорад, ки ҳар чизи аз берун овардаро мо пазируфта бошем. Ин тавр гуфтан ба хотири ҳамватанони бузурги худ, даҳҳо ва садҳо ҳазор онҳое, ки дар шароити душвору тоқатфарсо алайҳи ксенократия (ҳукумати аҷнабиён) мубориза мебурданд, вале дар айни ҳол ба паҳн шудани ксенофобия (бим аз аҷнабиён) низ роҳ намедоданд, таҳқир мебуд. Халқ худ, фарҳангу забони хешро ҳифз намуд. Ва имрӯз имкони онро дорад, ки онҳоро ба таври комил эҳё созад.

Дар бораи таърихи тоҷикон дар садсолаи охир сухан ронда, чунин хусусияти онро бояд тазаккур дод, зеро онро мо эътироф накарда наметавонем.

Қарни XX дар ҳаёти инсоният давраи аз ҳама пурҳодисаву аз навовариҳо бой мебошад ва як давраи пурмазмуни таърих аст. Кор чунин сурат гирифт, ки таҳаввулотҳои бузурги ҳаёт дар замоне рух доданд, ки моро давлати ягона муттаҳид месохт. Ин ҳолат мардум, иқтисодиёт, тарзи тафаккур, ҳаёти илмӣ, тиб ва маорифро куллан наздик сохт. Нуқтаҳои умумии инкишоф ташаккул ёфтанд ва манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон, Русия, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва дигар аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба ҳам пайвастанд.

Дар интиҳои қарни XX ҷаҳон тағйир ёфт. Дар Тоҷикистон низ дигаргуниҳои чашмрас рӯй доданд, вале онҳо бо ҷанги дохилӣ тавъам буданд. Ҳоло баъзан тоҷиконро ба он таъна мезананд, ки онҳо аз андоза зиёд ба номҳои маъруф, анъанаҳои одоби қадима меболанд, ҳол он ки надоштани фарҳанги сиёсӣ боиси фоҷиа гашт. Инро чӣ метавон номид, таззоди таърих ва фарҳанг?

Дар ҳақиқат, ҷои ҳайрат аст, ки мардуми дорои анъанаҳои қадимаи одоб, ки зӯровариро то кунун намепазируфт, дар муқовимати шаҳрвандӣ ин анъанаҳоро барҳам зад.

Инро метавон шарҳ дод. Аслан мардуми бефарҳанге вуҷуд надорад. Фарҳанги ҳар як халқ нодир буда, барои инсоният ва тамаддун арзиши бебаҳое дорад. Вале соҳаҳои барои ин ё он мардум нав ба вуҷуд меоянд, ки онҳоро бояд бо фарҳанги мавҷудаи халқ дарк намуд. Айни ҳолро дар Тоҷикистон низ ме-

тавон дид. Бисёрақидагӣ, ки барои мо ниҳоят зарур аст, дар оғози солҳои 90 ба ҳаёти мо чунон босуръат ворид гашт, ки ҷамъият натавонист онро бо фарҳанги мавҷудаи мардум дарк намояд. Бар илова ҳамаи ин дар шароити харобшавии давлат сурат мегирифт.

Тарзи аз ҷониби тамаддуни мо қабул шудани демократия, ба назари мо таҳқиқоти махсус металабад. Гап дар сари он ки калимаи демократия бо мафҳуми радкунандаи "не" оғоз меёбад. Дар мамолике, ки демократия пойдор шудаст, мафҳуми "не" маънии тахриб сохтан, аз байн бурдан ва изҳори беҳурматиро надорад. Дар ҷамъияти шарқӣ бошад доимо дар хона падар ва дар ҷамъият муллову давлатдор қудрати қавӣ доранд. Обрӯи ҳокимият низ баланд аст. Ҳарфи падарро рад намудан, ба ӯ "не" гуфтан фарти беэҳтиромӣ ба шахси калонсол маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, мафҳуми радкунандаи "не" муносибатҳои барои ин ҷамъият маъмулро такон медиҳад. Ҳамин ҳолат дар Тоҷикистон рӯй дод: сохте, ки барои демократияи пухтаи ғарбӣ хос буд, дар муддати ниҳоят кӯтоҳ ба ҷамъияти мо кӯчонида шуд. Принсипи асосии бисёрақидагӣ - "не", "бале, аммо" - набояд харобиовар бошад. Мо ҷонибдори чунин гуногуниву чунин шаклҳои онем, ки барои ваҳдати Тоҷикистон, зиндагонии сулҳомези мардуми мавқеъҳои мухталифи сиёсиву маънавидошта, хидмат кунад.

Вале ба ҳар ҳол мо ба ҷуз аз комилан қабул намудани бисёрақидагӣ роҳи дигар надорем. Дар иртибот бо гуфтаҳои боло ман мехостам ба моҳияти принсипиалии он барои мо таваҷҷӯҳ намоем.

Маҳз тавассути принсипи гуногунрангӣ ҳаёт мавҷуд аст. Агар шаклҳои мухталифи мавҷудият намебуданд, худи ҳаёт дар рӯи Замин наметавонист бақо ёбад. Вақте дар ҷамъият кӯшиш менамоянд, ки ҳама чизро ба маҷрои якранг ҷой диҳанд, ҳаёт заиф мегардад.

Имрӯз мамлакати мо кӯшиш мекунад аз қайди якранги сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ раҳо ёбад.

Ҳоло мо гуфта метавонем, ки таи панҷ соли сипаришуда дар ҷамъияти мо асосҳо ва падидаҳои бисёрақидагии сиёсӣ, ки Конститутсияи нав кафолат додааст, зоҳир ёфтаанд ва зуҳур меёбанд. Тавассути ислоҳоти идомадор мо роҳи гуногунии шаклҳои моликиятро пеш гирифтаем. Дар соҳаи фарҳанг мо ҷонибдори гуногунрангии ҳаёти маънавием. Дар ниҳояти кор ҳамаи инро метавон роҳ ба сӯи демократия номид.

Дар мамлакат аллакай ҳашт ҳизбҳои сиёсӣ номнавис шудаанд, ки аксаран фаъолият доранд. Аммо мо равшан дарк менамоем, ки бисёрақидагии комили сиёсӣ танҳо замоне оғоз меёбад, ки мухолифати байни тоҷикон ҳалли қатъии худро ёбад ва ин сабақҳои сиёсӣ ҳазм шаванд.

Бисёрақидаги ҳамчунин муборизаи ошкорои ҳизбҳову нерӯҳои гуногун дар чаҳорчӯбаи қонун аст, ки ҳар кадоме аз онҳо мекушад барномаи хешро амалӣ гардонад. Ва чун ҳокимияти барои ин амр зарурӣ ягона аст, дар натиҷа кувваҳое, ки талоши ҳокимият мекунанд, ба ҳам мухолиф шуда, мубориза мебаранд. Чунин ҳолат барои ҳар як ҷамъияти демократӣ хос аст. Вале кувваҳои асили демократӣ ҳатто бо мақсади аз саҳнаи сиёсат барканор кардани ин ё он нерӯ усулу воситаҳои ғайриконститутсиони, ҷангу зӯровариро истифода намебаранд.

Суоле ба миён меояд, ки чӣ онҳоро аз ин роҳ боз медорад? Қабл аз ҳама ду омили боздоранда мавҷуд аст. Нахуст ин фарҳанги сиёсӣ ҳамчун омӯзиши маънавии зӯринопазирӣ дар сиёсат, ҳамчунин анъанаҳо ва мавҷудияти ҷамъияти шаҳрвандӣ мебошад. Омили дуввуми боздоранда - вуҷуд доштани давлати пурқувват мебошад, ки зӯроварии як ҳизбро ба ҳизби дигар роҳ намедиҳад.

Вале дар кишвари мо чӣ? Танҳо он ки ба ном мухолифин намехоҳанд ба зиндагии осоишта баргашта, аз шаклҳои ғайризӯроварии муборизаи сиёсӣ истифода баранд.

Ба онҳо қонунҳое, ки мо бо райъдиҳии умум қабул кардаем, хушоянд нестанд. Хуб, майлаш. Вале чӣ ба онҳо халал мерасонад, ки бо истифода аз қонунҳои мавҷуда онҳоро ба таври дилхоҳ тағйир диҳанд? Қонунро танҳо бо такя ба қонун метавон тағйир дод. Ин талаботи асоситарини демократия аст. Ин гуна ҳолатҳо дар давраи гузариши бисёр ҷамъиятҳо амалӣ шудаанд. Мо низ сулҳро боигарии асосии ҷамъият шумурда, чунин рафтор мекунем. Чаро мухолифин бо роҳи осоишта таваҷҷӯҳи аксариятро ба худ кашида, барномаи худро амалӣ намегардонад? Вале мухолифин ин роҳро намепазиранд. Доимо саросемаанду танҳо ба зӯри силоҳ такя мекунанд.

Мо бошем, ҳатто дар шароити мухолифати иҷбории низомӣ бар он мекушем, ки дар мамлакат асосҳои ҷамъияти шаҳрвандиро бунёд гузорем. Ба ҳамин хотир дар Тоҷикистон баробар бо ҳизбҳои сиёси бештар аз дусад созмонҳои ғайридавлатӣ номнавис шуда, амал мекунанд. Ахиран, Президенти мамлакат, Раиси Маҷлиси Олӣ, роҳбарони ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ, ҷамъиятҳои милливу фарҳангӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, созмонҳои динӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ "Аҳдномаи ризоияти миллиро дар Тоҷикистон" таҳия намуда, ба он имзо гузоштанд.

Ин ҳуҷҷат аҳамияти калоне дорад. Инсон на танҳо бори гузаштаву имрӯз аст, мо бояд хоҳишу мароми инсонро, ки ба ояндаи нигаронида шудааст, ба назар гирем. Байни мо сӯитафоҳумҳо зиёданд. Вале ҳамаи мо бо як мақсад ба ин ҳуҷҷат имзо гузоштем. Мо ҳама ҷонибдори онем, ки ба авлодони ояндаамон ҷамъияти орому осоиштаеро, ки дар асосҳои демократия бунёд ёфтааст, мерос гузорем. Ин сабақи бузурги бисёрақидагист. Мо бояд

байни худ паҳнои шукуфони ризоиятро пайдо намуда, онҳоро тавсеъа бахшем. Дар ин сурат биёбони бесамари ҷангу зӯроварӣ паси сар хоҳад шуд. Мо бовар дорем, ки низоъи байни тоҷикон сарфи назар аз изҳороти баъзе намояндагони мухолифин, ки ҷангиҳои сисола ҳам ҳастанд, аслан бо роҳи сиёсӣ метавонад ҳалли худро ёбад.

Асосҳои демократия бунёди давлатдории дунявиро тақозо мекунанд.

Инкишофи мантиқии таърих ҷомиаи моро бо арзишҳои демократӣ рӯ ба рӯ сохт. Маҳз онҳоро мо ҳамчун шарти асосии наҷоти халқ дар давраи ҳодисаву равандҳои фоҷиабор қабул кардем. Дастоварди муҳимтарини халқи мо дар бунёди демократияи асил, тӯли панҷ соли охир ташаккули давлати дунявӣ мебошад.

Ана, ҳамин гуна давлат имрӯз ба ҳамзистии осоиштаи халқҳои гуногун, ки баъзан аз рӯи мавқеи маънавиашон ғунҷоишнопазиранд, дар ҳудуди як давлат мусоидат мекунад. Албатта, ин ҷо ҳадаф аз қисми аксари мардум аст, на аз гурӯҳҳои радикалӣ (зӯровар) ва мутаассибу иртиҷоӣ, ки мехоҳанд ихтилофи низомиро ба миён оранд.

Ногаҳон давлати моро ба атеистӣ гунаҳкор месозанд. Дурӯғе зиёдтар аз ин нест. Давлати мо дунявист ва он нисбат ба шаклҳои гуногуни маънавиёту идеология бетараф аст.

Новобаста ба сӯитафоҳумҳо ва хамупечҳои инкишофи маънавӣ халқи мо ҳамавақт дар ҷаҳони тамаддуни исломӣ шомил буд ва боқӣ мемонад. Ин ҷаҳонест бисёр гуногунранг ва бояд махсус тазаккур дод, ки он ба воситаи гуногунрангии хеш бомуваффақият инкишоф ва бақо ёфт. Давлатҳо низ мисли одамон наметавонанд пурра ба ҳамдигар монанд бошанд. Ин ба мавқеи ҷойгиршавии давлат, ба ҳамсарҳадони он, ба кадом хаводиси таърихӣ дохил буд ва дохил мегардад, вобаста мебошад. Мо талоши онро надорем, ки кадом давлате ба мо монанд бошад. Дар баробари ин мо ҳамчунин зидди онем, ки дигаре бо роҳи ғайридемократӣ, зӯрӣ, аз мо шабеҳи худро созад, модели ҷамъияти худро ба мо бор кунад.

Дар Тоҷикистон ҳоло ба монанди даҳсолаҳои пештара атеизми давлатӣ вуҷуд надорад. Набояд фикр кард, ки ин дастоварди исломӣ радикалист ва ё коммунизм аст,ки аз шакли радикалии хеш даст кашидааст. Хусусияти дунявӣ доштани давлати мо натиҷаи раванди мураккаб ва пурихтилофӣ ба равандҳои бузурги ҷаҳонӣ ворид шудани на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми Осиёи Марказӣ мебошад.

Мо аз шакли радикализм даст кашидем, вале ба шакли дигари радикализм низ роҳ намедиҳем. Ба хусус ба режими сиёсиву динӣ. Давлати мо дунявист. Аз ин рӯ, на атеизм, на дин, на ягон шакли дигари рӯҳоният наметавонад дар ҷамъияти мо

ҳокимиятро танҳо ба хотири ҳокимӣ истифода барад. Давлати дунявӣ нисбати онхо бетараф аст, вале хеҷ гоҳ ба кӯшишҳои дар ҷамъияти мо пойдор сохтани якрангии радикалӣ - динӣ ё идеологӣ бетараф нахоҳад буд. Ва чун давлат хусусияти демократӣ дорад дар сурати ба миён омадани хатари радикализм. ин амр дар асли худ ҳифз намудани асосҳои демократии ҷомеаи мо мебошад. Ин асосҳои ҳаёти ҷамъияти мо ки аз ҷониби мардум дар Конститутсия таҷассум ёфтаанд, бешубҳа аз дастовардҳои истиқлолияти мо мебошанд.

Ин ҷо бояд зикр намоям, ки сарфи назар аз муносибати мо ба давлати худ, мо ба интихоби озоди сохти давлатдории хеш аз ҷониби халқҳои дигар эҳтиром мегузорем. Дар муносибатҳои байналхалқӣ барои мо сохти давлатдории мамолики дигар муҳим нест, ҳарчанд ин нукта ҳам дар шароити муайям метавонад нақш бозад. Пеш аз ҳама барои мо муҳим он аст, ки мамлакати дигар новобаста ба режими сиёсияш, ба мо дар асл чӣ муносибате дорад. Аксар давлатҳое, ки дар ҳудуди собиқ СССР ба вуҷуд омаданд, бо мамолике ҳамсарҳаданд ки бо хусусияти давлатдорӣ ва равандҳои сиёсии дохилиашон аз онҳо чандон фарқе надоранд. Аммо ин ҳарфҳоро нисбат ба сарҳадоти ҷанубии ИДМ, ки Тоҷикистон ҷойгир аст, гуфтан наметавонем.

Давлатдории мамлакати мо ва мамолики узви ИДМ хусусияти дунявӣ дорад. Вале мо дар ҷануб бо давлатҳое ҳамсарҳадем, ки бо режими сиёсии худ аз мо фарқи калон доранд. Аз рӯи сиёсати пешгирифтаи мо ин барои барқарор сохтани муносибатҳои некӯҳамсоягӣ садде шуда наметавонад. Ба фарқиятҳои таърихан ба вуҷудомада нигоҳ накарда мо кӯшиш карда истодаем, ки муносибатҳои байнидавлатӣ, фарҳангӣ, иқтисодии мо пурсамару барои тарафайн муфид бошанд ва ба тақвияти бехатарию сулҳи минтақа равон гарданд.

Дар айни ҳол мо маҷбурем иқрор кунем, ки дар ҷанубу ғарбии Тоҷикистон минтақае ҷой дорад, ки он ҷо бар хилофи иродаи неки давлатҳо нерӯҳои байналхалқии исломи радикалӣ амал менамоянд. Онҳо ҳанӯз ҳам мекӯшанд сохти давлатӣ, ҳаёт ва сиёсати дохиливу хориҷии Тоҷикистонро дигаргун созанд. Агар мо моҷарои байни тоҷиконро баҳо дода, онро наонқадар тоҷикӣ ё аниқтараш гӯем, ки он хусусиятҳои моҷарои байналхалқиро дорад, хато намекунем. Оппозисиюни тоҷикро истифода намуда онро ба маблағ, силоҳ зархаридон ва дигар воситаҳо таъмин карда, нерӯҳои мазкур мехоҳанд вазъияти Тоҷикистонро номӯътадил гардонанд. Бо ин усул онҳо нақшаҳои бузургеро амалӣ карданианд.

Бо дарназардошти ҳамин вазъ мо аз Федератсияи Русия кишварҳои Осиёи Марказӣ ва умуман ИДМ кӯмак мегирем. Онҳо моро дар рӯ ба рӯ бо фишори низомӣ ва хатари қувваҳои радикалӣ танҳо намегузоранд.

Давлатҳои демократӣ шароити муҳими амалӣ сохтани демократияро доранд. Дар ин давлатҳо имкони нигоҳдории якпорчагии халқ ва мамлакат ҳангоми пирузии ҳар як қувваи мухолифе, ки дар доираи қонун амал мекунад мавҷуд мебошад. Вале вақте баъзе қувваҳои беруна вазъияти дохили кишварро барои тағйир додани харитаи сиёсии ҷаҳон истифода бурда, кӯшиш мекунанд таносуби нируҳои байналхалқиро дигаргун созанд, дар ин сурат ба мамлакат хавфи порашавӣ таҳдид мекунад. Дар чунин ҳолат амалӣ сохтани демократия душвор мегардад, мамлакат ва халқ маҷбуранд қабл аз ҳама барои якпорчагии ваҳдати худ мубориза баранд.

Ин гуфтаҳо ба Тоҷикистон низ дахл доранд. Панҷ соли истиқлолияти мо панҷ соли муборизаи душвортарин, вале басамар баҳри тақвияти ваҳдати халқ ва нигаҳдории якпорчагии кишвар буд.

Мо итминони комил дорем, ки баҳри ба ин ноил гаштан робитаҳои наздики мо бо Федератсияи Русия ва дигар давлатҳои ИДМ мусоидат намуд. Ин амр бори дигар исбот мекунад, ки истиқлол дар холигоҳ ба вуҷуд намеояд.

Истиқлолияти давлат аз он шурӯъ мешавад, ки дигарон ӯро ба расмият шиносанд. Сипас дарк ва мустаҳкам кардани вобастагии тарафайн дар асоси иродаи неки озодона зарур аст.

Тоҷикистони соҳибистиқлолро то имрӯз 117 давлат ба расмият шинохтааст. 78-тои онҳо бо мо робитаи дипломатӣ доранд. Давлати мо иштирокчии созмонҳо ва равандҳои мухталифи байналхалқӣ ва минтақавӣ, муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷониба мебошад. Панҷ соли истиқлолият робитаҳои бисёрасраро бо мардум ва мамлакатҳои на танҳо қитъаи серпаҳнои Евроосиё, балки тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ маънову мазмуни тоза бахшид. Робитаҳои мо акнун мустақим шудаанд.

Байрақи Тоҷикистони соҳибистиқлол назди бинои Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун рамзи робитаҳои мавҷуда парафшонӣ мекунад. Фоҷиае, ки ихтилофҳои хунини байни тоҷикон бор оварданд, дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ - дар Созмони Милали Муттаҳид, Русия, давлатҳои Осиёи Марказӣ, дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ОБСЕ, Амрико, Созмони Конфронси Исломӣ, дар Шарқи Миёна ва Хитой, дар Шарқи Наздик ва дигар мамолик акси садо дод. Аз ҳар ҷониб ба мо дасти кӯмак дароз мекунанд.

Тоҷикистон имрӯз иштирокчии раванди аврупоӣ оид ба тақвияти бехатарӣ - ОБСЕ мебошад.

Иштироки фаъоли мо дар ОБСЕ подоши аврупопарастӣ ва ҳирси камбағалу назарбаландии дорое намебошад. Давлатҳои Аврупо ба мо кӯмаки лозимӣ мерасонанд, вале ҳеҷ гоҳ дар зимн ба шарафи мамлакати мо тамаъ накардаанд, мамлакат бошад

кумакҳоро қабул намуда, обрӯи худро аз даст надодааст. Муносибатҳои мо бо Аврупо асосҳои нисбатан амиқ доранд.

Чунин фикр рондан хатост, ки баъд аз ҳукмронии режимҳои тоталитарӣ бо таъсири сахти давлатҳои демократӣ метавон муъҷизаосо демократияро бунёд намуд. Ба назари мо мардуми Аврупо имрӯз ба арзишҳои демократия аз он ҷиҳат низ боэҳтиёт муносибат менамоянд, ки намехоҳанд фоҷиаву даҳшатҳои ҷанги ҷаҳонӣ, ки ба он радикализм сабаб гашта буд, такрор ёбанд. Онҳо муқобили экстремизм ва радикализм роҳи ҳифозатро пайдо намуданд. Хурдтарин хавфи эҳё гардидани онҳо механизмҳои муҳофизатии демократиро ба ҳаракат меорад. Дар ин масъала Тоҷикистон бояд бисёр чизҳоро омӯзад, ҳарчанд мо шароити ба худ хосе дорем. Вале бисёр умумиятҳо низ мавҷуданд. Ин ҳам бошад фоҷиа ва хоҳиши ҳаяҷоновари пешгирии такроршавии он мебошад.

Мардуми Тоҷикистон имрӯз дар он ақида якест, ки фоҷиаи ҷанги гражданӣ такрор наёбад. Қисми аксари аҳолӣ имрӯз хатарҳоеро, ки боиси пайдошавии садама мегарданд, ҳассосона дарк менамоянд. Боақлӣ ва фикри солим ба ҳамаи мо имкон дод дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихи наздиктаринамон пеши роҳи хунрезиро гирем. Маҳз боақлӣ ва фикри солими халқи мо кӯшишҳоро ҷиҳати роҳ надодан ба тавсияи экстремизми динӣ қувват мебахшад. Мо тоҷикистониён бояд аз фоҷиаи худ ҷиҳати мустаҳкам кардани ягонагии миллати тоҷик ва халқи Тоҷикистон сабақ гирем. Дар сатҳҳои гуногун ҳисси эҳтиётро ба вуҷуд оварда, алайҳи шаклҳои мухталифи радикализм ва экстремизм механизмҳои муҳофизатӣ созем. Ин, албатта, дар шароити ихтилофи хуношоми идомаёбанда хеле душвор аст. Вале мо тамоми чораҳоро меандешем, то ин ки ҷамъиятро аз рӯҳия ва амалияи радикализми боқимонда ва имрӯз ба мо боршуда озод созем.

Аз ин рӯ, Аврупо ва ОБСЕ барои мо, пеш аз ҳама як мактаби бузургу намунавии озодии халқҳо аз экстремизм, радикализм, хатари ҷанг ва ё ба ибораи дигар илму амали ташаккули демократия мебошанд. Дар айни ҳол мо медонем, ки таҷрибаи аврупоӣ натиҷаи фаъолияти бисёрасраи аврупоӣ аст. Мо тоҷикистониён ба муваффақияти роҳи интихобкардаамон умеду боварии комил дорем.

Тавассути истиқлолият Тоҷикистон аз имкониятҳои ҳамкории бевосита бо давлатҳои таҷрибаи бои демократидошта истифода мебарад. Панҷ соли истиқлолро панҷ соли наздикшавии бехоҳиши Тоҷикистон ва давлатҳои узви ОБСЕ шуморидан мумкин аст.

Пиромуни созмонҳои минтақавӣ сухан ронда, метавон гуфт, ки Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои Тоҷикистон ҳаётан муҳим аст. Пойдорӣ ва сулҳ дар Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба кӯмаку дастгирии Федератсияи Русия, давлатҳои Осиёи Марказӣ

ва дигар давлатҳои ИДМ, вобаста аст. Ин давлатҳо дар фаҳмиши мо, агар маҷозан бигӯем, сутуни устувори Евроосиё мебошанд, ки бо такя ба онҳо Тоҷикистон хатари харобшавии вазъи дар тӯли асрҳо ба вуҷудомадаи геополитикиро бартараф менамояд. Таҷаммӯъи бисёр сабабҳо боис шуд, ки давлати мо нақши "хатти шикасти тамаддун"-ро бозад. Ҳоло он сарҳади хунчаконест байни ҷаҳони бузурги давлатҳои хусусияти дунявидошта ва қувваҳои байналхалқии радикализми динӣ. Ин қувваҳо мекӯшанд сарҳади геополитикии худро васеъ кунанд. Мухолифини оштинопазири тоҷик низ айнан чунин ҳадаф доранд.

Сарҳади дар боло зикршударо сарҳади ҳузурдории Русия ҳисоб кардан соддалавҳист.

Давлатҳои муштаракулманофеъ, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон дар асли кор тамоми ҷаҳони баъдикоммунистӣ як мавҷудияти иҷтимоиву сиёсӣ, як сифате мебошанд, ки бо барҳам хӯрдани системаи кӯҳна аз байн нарафт. Ва он мӯҳтоҷ аст, ки ақаллан ҳамин дафъа тағйиротҳои ниҳоят шадид, ки боиси садамаву таконҳо гаштаанд (ҳамон тавре ки дар оғози аср рух дода буд) такрор нагарданд.

Албатта, дасткашӣ ва тағйиротҳои сахти харобиовар маънои боқӣ доштани пасмондаҳои системаи кӯҳнаро надорад. Аммо ҳаёти осоиштаи аҳолии кишварро нигоҳ дошта, ислоҳотро гузарондан лозим аст. Мухолифин дар солҳои 1991-1992 таҷрибаи худро гузаронданд ва он чӣ бор овард, ҳама медонем. Мамлакат ба гирдоби ҷанги ҳамватанӣ кашида шуд.

Ба хонандаи Русия рӯй оварда, мехостам махсус тазаккур диҳам: Мо бо қатъият мехоҳем ҷамъиятро ҳаматарафа тағйир дода, онро ба бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд равона созем, ҳатто агар самараи дилхоҳ дарҳол ба даст наомада бо гузашти айём тӯлонитар ба даст ояд. Дар ин маврид ҳам сулҳ барои мо арзиши асосӣ аст.

Дар айни вақт мо аз ҳалли сиёсии ихтилоф бо мухолифини силоҳбадаст умедамонро намеканем.

Ба ҳар сурат таи панҷ соли истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ҳарчанд ин муддати бисёр кӯтоҳ аст, корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, ки дар шаҳри бостонии Хуҷанд ноябри соли 1992 барпо гашт ва ҳоло берун аз кишвар машҳур аст, ба ҳукумати қонунӣ ва ҳокимияти давлатии Тоҷикистони нав асос гузошт. Ҳамон замон роҳбарияти давлат интихоб гашт, ки ба боздоштани ҷанги ҳамватанӣ ва барқарор намудани сулҳ дар сарзамини тоҷик ноил гашт.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазорату кумитаҳо аз нав ташкил шуда, сохт ва фаъолияти сохторҳои давлатӣ куллан тағйир ёфт. Артиши миллӣ ва нирӯҳои сарҳадӣ созмон дода шуданд. Райъпурсии умумихалқӣ Конститутсияи навро қабул кард, ба асосҳои бисёрақидагӣ дар тамоми соҳоти ҳаёти ҷомеа замина гузошт.

Дар асоси интихоботи алтернативӣ ва иродаи озоди халқ Президенти мамлакат интихоб гашт.

Мувофиқи барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ мо бояд то соли 2000-ум дар ду соҳаи муҳим - кишоварзӣ ва энергетика истиқлолияти пурраро соҳиб шавем. Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ қабул гардид. Ҳоло қисми зиёди замин ба деҳқонон дода шуд, ки ин ҳанӯз оғози ислоҳоти аграрӣ мебошад. Имсол, аз ҷумла, истеҳсоли гандум дар кишвар хеле зиёд шуд. Ҳамчунин ба хоҷагиҳои фермерӣ табдил додани ташкилоту муассисаҳои соҳаи кишоварзиро шурӯъ намудем. Асъори миллӣ низ ба муомилот бароварда шуд, ки қурби он чанд моҳ инҷониб тағйир нахӯрдааст.

Кушишҳои роҳбарияти давлат аз тарафи Фонди байналмилалии Асъор пазируфта шуд ва он ҳоло ба мо кредитҳо дода истодааст.

Ҷанги ҳамватанӣ ба маблағи 7 миллиард доллари амрикоӣ зарар овард. Аз ин рӯ, анҷом додани кори барқарорсозии хоҷагии дар натиҷаи ҷанг харобшуда вазифаи муҳимтарин аст. Дар баробари ин раванди хусусигардонӣ оғоз ёфт ва идома дорад. Мо ба натиҷаҳои самарабахши роҳи нави пешгирифтаамон умед дорем.

Силсилаи қарордодҳо бо Федератсияи Русия, ки дар соҳаҳои саноат, маъдани кӯҳӣ, энергетика ва ғайра ба Тоҷикистон ҳамкори асосӣ шудааст аз дастовардҳои муҳими мо мебошад. Бо давлатҳои Осиёи Марказӣ низ робитаҳоямон тақвият меёбанд. Ҳамаи ин як қисмати ками он корҳоест, ки имрӯз дар кишвари мо анҷом мепазиранд.

Ҳамаи ин гувоҳи як чиз аст. Ҳаёт вобаста ба ихтилофи низомии ба сари мо иҷборан боршуда чӣ қадар ки фоҷиабор набошад, вазъи иқтисодии мамлакати аз гирдоби бӯҳрон раҳоёбанда то кадом андозае, ки душвор набошад, мо умед ва итминон дорем, ки бо мурури замон дар ҷомеаи ҷаҳон мақоми арзандаро соҳиб мешавем. Ва бо кӯшишу талоши якҷоя ба ҳамватанони худ ҳаёти сазовор фароҳам меоварем.

Мо мефаҳмем, мардумеро, ки мушкилоти сангинро аз сар мегузаронад, дилпур сохтан, баъзан бисёр мушкил аст. Вале маҳз дар чунин замон умед ба оянда ҷиҳати ҳаллу рафъи мушкилот қувват мебахшад.

**(Аз рӯзномаи "Сегодня", 7 сентябри соли 1996).**